**ПРОТОКОЛИ № 9**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-092-и назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 02 апрели соли 2026** **ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои
диссертатсионӣ – 16 нафар,
аз рӯйи ихтисос – 5 нафар

02-юми апрели соли 2026, соати 14:00 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа: 17:35

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Н.С.
**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои фалсафа Ҳаитов Ф.Қ.

**Раис:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд тасдиқ гардидаст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 16 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз арда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**<u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:</u>**

Ҳимояи диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи “Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа

Диссертатсия дар кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омода гаштааст

**Мушовири илмии довталаб**: **Сайфуллаев Нигматулло Мирзоевич -** доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Аҳмадов Саид** - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Зоҳидов Очилбой Ҳоҷибоевич** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович**– доктори илмҳои фалсафа, профессори

кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ;

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**БАРОМАД НАМУДАНД**:

1. **Раиси шуро:** доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Н.С.
2. **Котиби илмии шуро:** номзади илмҳои фалсафа Ҳаитов Ф.Қ.
3. **Унвонҷӯ:** Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои фалсафа Саид Н.С, Саидов А.С, Маҳмадҷонова М.Т, Маҳмадова М.Ф, Шамолов А.А, Ниёзӣ Ё.Б, Самиев Б.Ҷ, Зиёев И.Ғ ҷавоб дод.

Баромади мушовири илмии унвонҷӯ – Сайфуллаев Нигматулло Мирзоевич шунида шуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

1. Аҳмадов Саид
2. Зоҳидов Очилбой Ҳоҷибоевич.
3. Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Ниёзӣ Ё.Б
2. Саидов А.С
3. Саид Н.С

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – Маҳмадҷонова М.Т, Зиёев И.Ғ, Муминов А.И

интихоб гардиданд.

Аз 16 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 16 нафар иштирок намуданд, ки аз онҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия мебошанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович додани дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-092-и назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 02 апрели соли 2026** **ш. Душанбе**

Суханронии Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи “Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ” ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, суханронии муқарризони расмӣ: **Аҳмадов Саид** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; **Зоҳидов Очилбой Ҳоҷибоевич** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон; **Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ, муқарризони ғайрирасмӣ: докторони илми фалсафа Ниёзӣ Ё.Б, Саидов А.С, Саид Н.С-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертантро шунидаю муҳокима намуда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи “Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ” ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои

фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа дода шавад;

4. Барои додани дипломи доктори илмҳои фалсафа ба Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад;

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Саид Н.С.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Ҳаитов Ф.Қ.**